Рӯзиев Т.Б.

# Роҳҳои беҳтар намудани сифати зотии чорво дар деҳот

курси такмили ихтисоси ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур

Д У Ш А Н Б Е –2015

## Муқадима

Солҳои 1992 то 1997 ҳангоми воқеаҳои сиёсие, ки дар ҷумҳурӣ шуда гузашт ба соҳаи чорводорӣ зарбаи сахт расонида шуд. Тамоми он чорвои хушзоте, ки бо заҳмату машаққатхои зиёди чорводорон ва олимони ҷумхурӣ ба даст оварда шуда буд ғорат ва қисман аз марзи ҷумҳурӣ берун бурда шуданд. Дар аввали соли 1997 нисбати солҳои 1990 дар сохтори ҷамъиятӣ саршумори бузу гӯсфанд ба 68,2, чорвои калони шохдор -62,2, аз он ҷумла модагов -58,2 ва мурғ -97,8 % кам шуд.

Баъди солҳои 1997 пас аз баромади Президенти кишвар Э.Раҳмон нисбати барқарор кардани саршумори чорво то соли 1990 ва баланд бардоштани маҳсулнокӣ то ҳамон давра камшавии сашумор нигоҳ дошта шуд.

Дар ин солҳо дар ҷумҳурӣ шакли хоҷагидорӣ дигаргун шуд, ба ҷои колхозу совхозҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ, фермерӣ ва шахсӣ ба вуҷуд омаданд. Чорвои ҳамаи он хоҷагиҳое, ки таҷдид шуданд ба дасти аҳолӣ гузаштанд. Имрӯз қариб 93%-и чорво дар дасти аҳолӣ қарор дорад.

Дар солҳои 2000-2015 саршумори чорвои калону майда ба маротиб зиёд шуд. Саршумори чорвои калони шохдор ба 2,1 млн.(соли 2013) расонида шуд. Бо вуҷуди зиёд шудани саршумори чорво ба сифат хусусиятҳои зотӣ ва маҳсулнокии онҳо эътибор дода намешавад. Дар деҳот имрӯз аз як сар модагов 3-4 кг шир дӯшида мешавад, ки ин бениҳоят кам аст. Гӯсолаҳо дер ба воя мерасанд, дар синну соли калон бо вазни хурд бордор карда мешаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як мавқеи географие ҷойгир аст, ки то 93%-и онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд. Танҳо дар ҷумҳурӣ 7% заминҳои обӣ ва киштбоб мавҷуд асту халос.

Аз як тараф ҷумҳурӣ барои ривоҷ додани соҳаи чорводорӣ гӯё мувофиқ аст, аз тарафи дигар агар дар ҳолати дар атрофи шаҳрҳои калон ҷойгир кардани чорвои ширӣ, дар миёнакӯҳҳо ҷойгир кардани чорвои гӯштӣ ва дар баландкӯҳҳо ҷойгир намудани бузу гӯсфандон ва қутос боз

душворихое пеш меоянд,ки бартараф намудани онҳо боз проблемаҳои зиёдеро пеш меоранд. Чорвои ширӣ асосан дар ҷумҳурӣ дар ҳамвориҳо ҷойгир карда шудааст ва қариб 80%-и онҳо дар шароити тамоми сол дар оғилхонаҳо нигоҳ доштан парвариш карда мешаванд. Мувофиқи меъёрҳои зоотехникӣ барои таъмин намудани чорво бо хӯрока ба 1сар чорвои шартӣ бояд 1 га замин ҷудо карда шавад.

Дар ҳолате, ки дар ҷумҳурӣ имрӯз 2,1 млн. сар чорвои калони шохдор ва зиёда аз 4млн.бузу гӯсфанд мавҷуд бошад бо хӯрока таъмин намудани онҳо мушкилиҳоро пеш меорад. Пас чи бояд кард?

Дар давтатҳои тараққикардаи ҷаҳон чорво асосан дар дасти фермерон қарор дорад. Фермер асосан ба истеҳсоли маҳсулот сару кор дорад. Вазифаи асосии вай бо чорвои солим ва сермаҳсул кор кардан мебошад. Дар пода аломатҳои зотнокӣ, интихобу хостагирӣ ва дигар корҳои зотпарварӣ аз тарафи ӯ пурра иҷро карда мешаванд. Дар пода модаговҳои каммаҳсул роҳ дода намешаванд. Модагов на бояд аз 25-30 кг шир кам диҳад. Дар он ҳолат ширдӯшии солона ба 7,5 -10 ҳазор кг аз 1 сар модагов мерасад. Нисбати хӯронидани чорво, тартиб додани вояи хӯрока, гирифтани насл, касалии чорво боз махсус ташкилотҳое фаъолият доранд,ки бевосита бо замин сару кор доранд ва ё нуқтаҳои бойтористо ба ӯҳда доранд. Фермер- чорводор бо онҳо шартнома мебандад ва онҳо дар навбати худ вазифаҳояшонро иҷро менамоянд.

Дар ҷумҳурии мо бошад мафҳуми фермер тамоман дигар аст. Як нафар бояд ҳама корро иҷро намояд. Вай, ҳам чорводор, ҳам механизатор, ҳам агроном ва ҳам ҳисобчиву бойтор бошад. Ба сифати чорво касе кор надорад. Ба чорво нокифоя хӯрок медиҳанд, парвариши чорво мақсаднок нест, ба зотнокии он эътибор намедиҳанд.

Имрӯзҳо вақти он расидааст, ки саршумори аслии чорво дар ҷумҳурӣ муайян карда шавад. Аз таҷрибаи давлатҳои тараққикарда истифода намуда мо низ ба он бояд кӯшем, ки саршумори чорвои мавҷударо то нисф кам намуда аз баҳри чорвои безот,деррас,каммаҳсул ва ба шароит

номувофиқ бароем ва ба ҷои 7-8 сар модагове, ки аз онҳо 20-25 кг шир мегиранд, танҳо 1 сар нигоҳ дошта шавад,ки чунин маҳсулотро диҳад.

Бо мақсади дар оянда беҳтар кардани сифати зотии чорвои аҳолӣ якчанд пешниҳодҳоро бомаврид меҳисобам:

1.**Ҷалб кардани мардуми деҳот ба омӯзиши соҳаи чорводорӣ**

Дар ҳамон ҳолате, ки чорво имрӯз дар дасти аҳолӣ қарор дорад дар оянда мардумро бо маҳсулоти чорводорӣ таъмин намудан аз имконият берун аст. Дар аксарияти деҳоти Тоҷикистон чорводорӣ як системаи муайян надорад. Технологияи парвариш, нигоҳдорӣ умуман риоя карда намешавад. Мардум аз чорво мақсаднок истифода намебаранд, кӯшиши аз чорво гирифтани фоидаро надоранд.

Дар баъзе оилаҳо то 10 сар чорвои калони шохдор мавҷуд аст. Аммо мардуми деҳот то ба ҳол ба ҳисоб кардани пул ва гирифтани даромади соф одат накардаанд. Дар ҳолати аз 10 сар гов гирифтани 4 кг-и шир, даромади якрӯза 40 кг ширро ташкил медиҳад ва агар онро бо нархи 3 сомони фурӯшем 120 сомониро ташкил медиҳад. Дар деҳот як сар гове, ки 250-300 кг вазн дошта 4 кг шир диҳад дар як рӯз то 25-30 кг: аз он ҷумла 2-3 кг хӯрокаҳои консентратӣ, 4-5 кг хӯрокаҳои дурушт, 20-22 кг хӯрокаҳои сабз ё ширадор бояд истеъмол намояд. Дар маҷмӯъ як сар гов дар як рӯз то 35-40 сомон хӯрокаро истеъмол менамояд. Агар 10 сар гов чунин хӯрок истеъмол намояд ин 350- 400 сомониро ташкил медиҳад. Агар он хароҷотеро, ки барои нигоҳубин, хӯронидан ва дигар корҳоеро, ки аҳли оила иҷро менамоянд ба ҳисоб гирем арзиши аслии шири гирифта боз баланд меравад.

Мардум дар деҳот ҳар сол аз як сар модагов гирифтани гӯсоларо гӯё даромади оила ҳисоб мекунанд. Аммо дар асл ин тавр нест. Дар деҳот гӯсола дар 3-4 солагиаш бордор карда мешавад. Он хароҷотеро, ки оила то 4 сол барои як гӯсола сарф менамояд бо пул ҳисоб кунем, агар ҳамон гӯсоларо дар бозор фурӯшем хароҷоти шударо пӯшонида наметавонад. Дар ин маврид чӣ бояд кард. Танҳо ба технологияи парвариши гӯсола диққати ҷиддӣ бояд дод. Гӯсоларо тарзе парвариш кард, ки дар 18-20

моҳагӣ бордор карда шавад. Ба мардум бояд ҳамон чизро таъкид кард, ки дар ҳолати  дар 18-20 моҳагӣ бордор кардан мо аз вай то синни 4 сологӣ  2 гӯсола ва ду сол шир медӯшем, (агар дар як сол 2000 кг-и шир дӯшем дар он ҳолат 4000 кг шир зиёд мегирем). Дар ҳолати инро бо пул ҳисоб кардан – 2 гӯсола 1500 сомонӣ = 3000 сомони ва 4000 кг шир х 3 =12000. Нисбати гӯсолае, ки дар 4 солагӣ таввалуд мекунад, аз гӯсолае, ки дар 18 моҳагӣ бордор карда шудааст  15000 сомони даромади соф ба даст меояд.

**2. Интихоби зот ва тарзи истифодабарии он**

Бо аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳи бурда аҳмияти чорвои зотиро аз ҳайвоноти маҳаллӣ фарқ карданро омӯзонидан даркор. Аз он оғоз намудан лозим аст, ки чорвои хушзот маҳсулнокии баланд дорад. Ба ҳисоби миёна аз як сар модагов то 15-20 кг шир гирифтан мумкин аст. Аз онҳо насли нисбатан калон ба даст меояд, ки дар синни то 18 моҳагӣ бордор  шуда аз ҷиҳати иқтисодӣ фоида меоранд. Дар ҳолати хариду фурӯш намудани чорвои хушзот  нисбати чорвои маҳаллӣ чандинборҳо фоидаи соф ба даст овардан мумкин аст. Ба аҳолӣ усулҳои ҷуфтикунонӣ ва афзоишкунониро фаҳмонда ва барта-рияти онҳоро муайян намудан лозим аст.

Ба аҳолии деҳот онро бояд талқин намуд,ки дар ҳолати гӯшт истеҳсол кардан аз зотҳои гӯштӣ , ки дар ҷумҳурӣ парвариш меёбанд истифода баранд.Зотҳои қалмиқӣ ва қазоқии сарсафед дар ҳолати дуруст парвариш кардан то 18 моҳагӣ метавонанд 450-500 кг вазн диҳанд, аммо дар чорвои маҳаллӣ ин вазнро дар 3-4 сол гирифтан аз имкон берун аст.   Дар ин муддате, ки мо чорвои маҳаллиро нигоҳубин менамоем, чорвои зотиро ду маротиба бӯрдоқӣ карда даромади соф гирифтанамон мумкин аст. Бояд онро талқин намуд, ки дар 3-4 соле, ки буққачаҳои махаллӣ бӯрдоқӣ карда мешаванд, аз онҳо фоидаи соф гирифтан амри маҳол аст. Чунки харочот фоидаро намепӯшонад.

Ба мардум оиди зотҳои ширӣ ва гӯштие, ки дар шароити ҷумҳурӣ мутобиқ  шудаанд ва метавонанд маҳсулнокии баланд диҳанд маълумот

бояд дод. Дар хусуси аз куҷо, бо кадом роҳ, нарху навои онҳо, хоҷагиҳои пешқадам, ки ин чорворо парвариш мекунанд, хусусиятҳои беҳтарини зот, ноҳиябандии зотҳо ва ғайра сӯҳбат бояд орост.

Аз зотҳо ва типҳои ширие, ки дар ҷумҳурӣ парвариш меёбанд танҳо бо онҳое дар оянда кор барем, ки дар шароити ҷумҳури мутобиқанд ва маҳсулнокии баланд доранд. Ба фикри мо чорводорон худ бояд эҳсос намоянд ,ки дар тамоми минтақаи вилояти Суғд , ноҳияҳои тобеи ҷумҳур ва қисман ноҳияҳои вилояти Хатлон танҳо парвариши говҳои типи тоҷикии зоти сиёҳало мувофиқ мебошад. Дар водии Вахш ва қисми дигари вилояти Хатлон парвариши типи тоҷикии говҳои швицузебумонанд ба мақсад мувофиқтар аст. Аз зотҳои гӯштӣ бошад дар шароити кӯхсори Тоҷикистон бештар зотҳои қалмиқӣ, қазоқии сарсафед ва абердин-ангус парвариш карда мешаванд. Яке аз намуди чорво,ки дар оянда имконият дорад дар тамоми ноҳияву вилоятҳои ҷумҳурӣ ҳамчун зоти ширӣ паҳн карда шавад ин типи говҳои тоҷикии зоти сиёҳало мебошад.

### 3. **Истифодаи типи тоҷикии зоти сиёҳало**

Дар натиҷаи тадқиқотҳои бисёрсола дар 2 заводи зотпарварӣ ва 6 хоҷагии зотпарварӣ типи нави зоти сиёҳалои тоҷикӣ офарида шуд, ки 28 декабри соли 2001 тасдиқ шудааст. Муаллифони типи говҳои зоти сиёҳалои тоҷики Н.А. Аҳмадалиев, Т.Б. Рӯзиев, Т.О. Иргашев, А.Саматов, Б.Тошматов, Т.Каримов ба ҳисоб меараванд.

Типи говҳои сиёҳалои тоҷикӣ дар натиҷаи истифода бурдани ҷуфтикунонии зотрӯёни бо иштироки генофонди се зот: сиёҳало, голландӣ ва голштинӣ офарида шудааст. Ҳар яки ин зот хусусиятҳои беҳтарини худро ҳангоми офаридани типи говҳои зоти сиёҳало ба мерос додаанд. Дар подаҳои хоҷагиҳои зотпарварӣ 8407 сар ҳайвоноти ба ин тип тааллуқ дошта офарида шудаанд, ки 2446 сарашон модагов мебошад.

Дар тӯли 5 сол саршумори тип дар хоҷагиҳои шахсӣ ва фермерию деҳқонӣ то ба 20000 сар зиёд шуд, ки аз он 15000 сараш модагов аст.

Ҳамаи ҳайвоноти офаридашуда аз волидайни худ – намуди ширӣ, маҳсулнокии баланд ва ба технологияи мошинии ширдӯшӣ мутобиқ буданро ба мерос гирифтаанд. Сохти танаи мавзун, қомати баланд, маҳсулнокии баланд ва мутобиқ будан ба мошинаи ширдӯширо аз падарон – зоти голштинӣ ва ба шароит мутобиқ шуданро аз модарон – зоти сиёҳало ба мерос гирифтаанд.

Дар байни модаговҳо дурагаҳое ҳастанд, ки хуни 1/2, 5/8, 3/4 ва 7/8-и голштинӣ дошта маҳсулнокии дар 305 р.з 7-9 ҳазор кг шир, равғаннокии 3,74-4,20% доранд.

Дар модаговҳои алоҳида дар 305 рӯз ширдӯшии аз ҳама баланд аз 7091 (модагови Озера 695) то 9483 (модагови Кения 1761) кг шир бо равғаннокии аз 3,73 (модагови Птичка 1760) то 4,2% (модагови (Разминка 768) ба қайд гирифта шудаст. Баромади равғани шир дар модаговҳои калонсол аз 271,1 то 355,6кг-ро ташкил медиҳад. Баъзе модаговҳо то ба дараҷаи рекордсменӣ расидаанд, Улибка 1760 (2-м давраи ширдӯшӣ 8076кг), Далёкая 2128 (1-ум 8028кг), Покупка 1410(5-ум 8262кг), Метла 1912, Фермала 1896 ва Африка 977 мутаносибан дар 3-юм давраи ширд.шӣ 8477, 8339 ва 8770 кг шир бо равғаннокии 3,77; 3,87; 4,0 ва равғани шир 319,6; 322,7 ва 350,8 кг додаанд.

Рекордисткаёо аз 5 то 11 маротиба таваллуд кардаанд, ки дар ин муддат аз онҳо шири зиёд гирифта шудааст. Дар тӯли ҳаёт аз ҳама зиёд аз модаговҳои Вилка 78 (58948кг), Сечка 64 (52688кг), Колючка 1483 (50578кг) шир ба даст оварда шудааст.



**Модагови Фермала 1996, аз заводи зотпарварии ба номи А.Самадов, хуннокияш ¾ . Дар ширдӯшии 3-юм маҳсулнокиаш 8339 кг шир бо равғаннокии 3,69%**



**Буққаи Буран 214, типи тоҷикии говҳои зоти сиёҳало**

Дар хоҷагиҳои вилояти Суғд аз гунаҷинҳо ба ҳисоби миёна 4675кг шир, равғаннокии 3,85%, баромади равғани шир 179,9кг ширдӯшии дуюм 5563кг; 3,86%; 214,7 кг ва дар ширдӯшии сеюм 5981кг; 3,86% ва 230,8кг равғани шир ба даст оварда шудааст.

**Ширдӯшии модаговҳои сермаҳсули типи тоҷикии зоти сиёҳало дар заводи зотпарварии ба номи А.Самадов (2003-2004с.)**

| Насаб ва рақами тартиби | Дараҷаи хуннокии зоти голштинӣ | Авлод | Даврai ширдӯшӣ | Ширдӯши дар 305 рӯз,кг | Равғанокӣ,% | Равғани шир, кг |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Далекая 2128 | 3/4 | Астронавт199 | 1 | 8028 | 3,75 | 301,1 |
| Фракция 1936 | 3/4 | Астронавт199 | 1 | 7403 | 4,0 | 296,1 |
| Сирена 1142 | 1/2 | Астронавт199 | 3 | 7705 | 3,77 | 290,5 |
| Гвоздика 1768 | 1/2 | Астронавт199 | 4 | 7534 | 3,79 | 285,5 |
| Афоня 1630 | 1/2 | Астронавт199 | 3 | 7813 | 3,84 | 300,0 |
| Озера 695 | 1/2 | Астронавт199 | 4 | 7091 | 3,85 | 273,0 |
| Айва 109 | 3/4 | Астронавт199 | 4 | 8010 | 4,0 | 320,4 |
| Ладога 425 | 3/4 | Астронавт199 | 4 | 7736 | 3,92 | 303,3 |
| Улыбка 1760 | 5/8 | Уес Идеал 933122 | 2 | 8076 | 3,75 | 302,9 |
| Черная 1730 | 3/4 | Уес Идеал 933122 | 2 | 7350 | 3,77 | 277,1 |
| Покупка 1410 | 3/4 | Уес Идеал 933122 | 5 | 8262 | 3,75 | 309,8 |
| Азия 672 | 5/8 | Уес Идеал 933122 | 1 | 7000 | 3,73 | 261,1 |
| Кения 1761 | 1/2 | Уес Идеал 933122 | 4 | 9483 | 3,75 | 355,6 |
| Ладона 1054 | 5/8 | Уес Идеал 933122 | 2 | 7962 | 3,77 | 300,2 |
| Птичка 1760 | 5/8 | Уес Идеал 933122 | 4 | 7395 | 3,73 | 275,8 |
| Адолина 2277 | 5/8 | Уес Идеал 933122 | 6 | 7305 | 3,81 | 278,3 |
| Залогара 850 | 3/4 | Уес Идеал 933122 | 2 | 7388 | 3,83 | 283,0 |
| Линза 1641 | 1/2 | Уес Идеал 933122 | 3 | 7112 | 4,10 | 291,6 |
| Граната 360 | 3,4 | Уес Идеал 933122 | 4 | 7143 | 4,0 | 285,7 |
| Бодрая 1144 | 1/2 | Уес Идеал 933122 | 5 | 7671 | 4,10 | 314,5 |
| Дочка 668 | 1/2 | Силинг Трайджун Рокит 252803 | 6 | 7490 | 3,75 | 280,9 |
| Ампула 580 | 1/2 | Силинг Трайджун Рокит 252803 | 6 | 7791 | 3,85 | 300,0 |
| Ровная 266 | 3/4 | Силинг Трайджун Рокит 252803 | 4 | 7204 | 3,85 | 277,4 |
| Кассета 714 | 1/4 | Семит 788 | 5 | 7463 | 3,77 | 281,4 |
| Разминка 768 | 1/2 | Семит 788 | 4 | 7300 | 4,20 | 306,6 |
| Метла 1912 | 3/4 | Семит 788 | 3 | 8477 | 3,77 | 319,6 |
| Фермала 1096 | 1/2 | Семит 788 | 3 | 8339 | 3,87 | 322,7 |
| Африка 977 | 7/8 | Селексияи Исроил | 3 | 8770 | 4,00 | 350,8 |
| Седая 1663 | 1/2 | Селексияи Исроил | 3 | 7230 | 3,75 | 271,1 |
| Аза 1771 | Ч/п | Селексияи Эстония | 8 | 7650 | 3,77 | 288,4 |

Чорвои офаридашудаи типи говҳои сиёҳалои тоҷикӣ бо баланд будани мубодилаи моддаҳо дар организм, хусусиятҳои баланди генетикиашон ва баланд будани маҳсулнокиашон фарқ мекунанд. Ҳайвоноти нави офаридашуда дар ҳолати пурра бо хӯрокаҳо таъмин буданашон метавонанд хусусиятҳои ирсии худро нишон диҳанд (ҷад.34).

Маҳсулнокии ширии типи тоҷикии говҳои зоти сиёҳало дар заводҳои зотпарварӣ

| Давраи ширдӯшӣ | Саршумо | Рӯзҳои дӯшои M+m | Ширдӯшӣ дар 305 рӯз M+m | Равған-нокӣ M+m | Равғани шир, кг M+m |
|---|---|---|---|---|---|
| Заводи зотпарварии ба номи А.Саматов | | | | | |
| I | 303 | 298+1,4 | 4675+53,4 | 3,85+0,01 | 179,9+1,6 |
| II | 142 | 299+1,0 | 5563+75,4 | 3,86+0,02 | 214,0+4,9 |
| III ва аз он зиёд | 104 | 302+1,3 | 5981+77,6 | 3,86+0,01 | 230,8+5,3 |
| Ба ҳисоби миёнаи пода | 549 | 299 | 5406 | 3,85 | 208,4 |
| Заводи зотпарварии ба номи Ҷ. Расулов | | | | | |
| I | 64 | 304+1,4 | 4504+65,3 | 3,79+0,04 | 170,7+3,5 |
| II | 46 | 303+2,0 | 4956+87,3 | 3,72+0,02 | 184,3+4,2 |
| III ва аз он зиёд | 34 | 296+3,2 | 5701+175,4 | 3,70+0,03 | 210,9+5,7 |
| Ба ҳисоби миёнаи пода | 144 | 301 | 5053 | 3,73 | 188,6 |
| Хоҷагиҳои дигари зотпарварӣ | | | | | |
| I | 117 | 305+1,8 | 4365+104,2 | 3,75+0,01 | 163,6+3,1 |
| II | 122 | 307+4,6 | 4560+93,2 | 3,76+0,02 | 171,4+2,5 |
| III ва аз он зиёд | 68 | 311+5,2 | 4795+141,3 | 3,77+0,01 | 180,7+4,1 |
| Ба ҳисоби миёнаи пода | 307 | 307 | 4573 | 3,76 | 171,9 |

Муайян карда шудааст, ки бо зиёд шудани хуни голштинӣ то 5/8,3/4 ҳиссаи хун дар хоҷагиҳои зотпарварӣ маҳсулнокии ширӣ баланд меравад.

Самранокии корҳои селексионӣ аз бисёр ҷиҳатҳо аз сифти истифодабарии буққаҳои истеҳсолӣ вобастаги дорад. Барои ин баҳо додан ба духтарони буққа яке аз омилҳои тезонидани суръати корҳои селекионӣ дар минтиқаҳои парвариши он ба ҳисоб меравад.

Аз соли 1990 сар карда дар як вақт бо истифода бурдани нутфаи буққҳои зоти голштинӣ дар хоҷагиҳои зотпарварии ҷумҳурӣ аз буққаҳои типи тоҷикӣ дар хоҷагиҳои ба номи Э.Бойматова ва «Ирам»- и ноҳияи Конибодом, А.Ҷумъаеви ноҳияи Б.Ғафуров, «Чорводори Нов»-и ноҳияи Спитамен, ба номи Л.Муродов ва К.Маркси ноҳияи Ҳисор аз буққаҳои типи тоҷикӣ истифода бурда шуд. (ҷадвал 35).

**Маҳсулнокии ширии духтарони буққаҳои типи тоҷикии**

**зоти сиёҳ ало дар хоҷагиҳо ва заводҳои зотпарварӣ**

| Ном ва рақами буққа | Шумораи духтарон | Ширдӯшии якум,кг | Равғаннокӣ % | Баромади равғани шир, кг |
|---|---|---|---|---|
| Ба номи А.Ҷумъаев | | | | |
| Полет 85 | 12 | 3510+80,5 | 3,80+0,02 | 133,3+3,0 |
| Табурет 303 | 11 | 3675+91,3 | 3,81+0,01 | 140,0+2,2 |
| Ребус 287 | 8 | 4063+101,3 | 3,79+0,01 | 153,9+2.4 |
| Король 571 | 19 | 3414+76,5 | 3,83+0,03 | 130,7+3,1 |
| «Чорводори Нов» | | | | |
| Контик 1527 | 10 | 3430+104,3 | 3,84+0,03 | 131,7+3,6 |
| Графин 1187 | 8 | 3670+97,6 | 3,81+0,02 | 139,8+2,3 |
| Эксперт 2704 | 21 | 3840+68,9 | 3,80+0,01 | 145,9+2,3 |
| Буран 214 | 14 | 4003+104,5 | 3,81+0,03 | 152,5+1,8 |
| Алмаз 329 | 17 | 3950+99,3 | 3,82+0,01 | 150,8+1,9 |
| Олег 1413 | 22 | 3765+104,2 | 3,83+0,02 | 144,1+1,7 |
| Ба номи Э.Бойматова | | | | |
| Барсик 168 | 14 | 3504+88,5 | 3,78+0,02 | 124,8+1,6 |
| Камаз 395 | 13 | 3701+104,3 | 3,81+0,03 | 129,5+2,3 |
| Футик 861 | 9 | 3606+95,3 | 3,82+0,02 | 133,9+2,4 |
| Ба номи. Л.Муродов | | | | |
| Эдик 319 | 20 | 3650+79,8 | 3,80+0,03 | 138,7+1,3 |
| Загад 293 | 17 | 3440+85,3 | 3,81+0,02 | 131,0+1,6 |
| Энтик 181 | 15 | 3795+104,3 | 3,83+0,01 | 145,3+1,7 |
| Эдонис 272 | 21 | 4001+68,9 | 3,80+0,03 | 152,0+2,0 |
| Лир 313 | 24 | 3978+103,5 | 3,82+0,01 | 151,9+2,3 |
| Дорог 261 | 19 | 3780+121,2 | 3,81+0,01 | 144,0+2,1 |
| Магнит 245 | 17 | 3951+111,4 | 3,83+0,02 | 151,3+1,7 |
| Ба номи А.Юсупов | | | | |
| Кран 1125 | 10 | 3410+75,3 | 3,80+0,02 | 129,5+2,2 |
| Сазан 45 | 20 | 3560+102,1 | 3,83+0,01 | 136,3+2,3 |
| Музик 198 | 16 | 3680+104,3 | 3,83+0,01 | 140,9+2,4 |

Аксарияти чорвои ин хоҷагиҳо имрӯз дар дасти аҳолӣ қарор доранд. Дар ҳолати самаранок истифода бурдани онҳо, риоя намудани корҳои зотпарварӣ аз қабили: парвариши мақсаднокӣ ҷавонаҳо,дуруст хӯронидан,интихобкунӣ ва хостагирии чорво мо метавонем чорвои аҳолиро хушзот гардонида маҳсулнокии онро баланд гардонем.

## 4. **Хӯронидани чорво дар деҳот**

Дар тамоми манотиқи ҷумҳурӣ ба хӯронидани чорво диққат намедиҳанд. Фикр мекунанд, ки модагов шудааст бояд шир диҳад. Аз тарафи худашон ягон коре оиди таъмин намудани талаботи чорво, хушхӯр кардани хӯрокаҳо, ба инобат гирифтани хусусиятҳои физиологии чорво, дар фасли зимистон таъмин намудани чорво бо хӯрокаҳои

ширадор ба анҷом расонида намешавад. Дар деҳот ба фазаи дарави хӯрокаҳо диққат дода намешавад. Дар аксарияти деҳоти ҷумҳурӣ танҳо як намуди хӯрока (хӯрокаҳои дурушт ) тайёр карда мешаваду халос. Он ҳам бошад ба ягон оддитарин технология риоя карда намешавад. Дар талу теппаҳо алафро дарав мекунанд, дар ҳамон ҷо дар зери офтоби тобистон қоқ мекунанд, баъди муддате онро кашонида дар боми хонаҳо ва оғилхонаҳо онро ғарам мекунанд. Алафи даравидашуда як маротиба дар саҳро дар зери офтоб месӯзад ва баъдтар дар зери шифери бом. Фикр мекунам пас аз он дар ин алаф ягон ғизонокӣ ва қувватнокӣ намемонад.

Имрӯз аҳолиро бо технологияи тайёр кардан, захира кардан ва хӯронидани чорво шинос намудан лозим аст. Хӯрокаҳоро танҳо дар ҷойҳои соя қоқ кардан лозим аст. Манфиатнок будани чоҳҳои хурдро,ки барои хушхӯр кардани хӯрокаҳо истифода бурда мешаванд ба мардум омӯзонидан лозим аст. Ба мардум он чизро талқин намудан лозим аст,ки чорво бо як намуд хӯрока маҳсулот намедиҳад. Омехтакунии якчанд намуди хӯрокаҳоро нишон додан лозим аст. Тарзи истифода бурдан аз хӯрокаҳои ғайрианъанавиро омӯзонидан лозим аст.

Чорво дар ҳамон сурате маҳсулот медиҳад ва маҳсулнокиро баланд мебардорад, ки агар талаботи онро бо моддаҳои минералӣ, макро ва микро элементҳо таъмин намоем. Дар давлатҳои хориҷа то 45-50 номгӯи таркиби химиявии хӯрокаҳоро ба эътидол медароранд, дар мо бошад дар давраи Шӯравӣ то 11-12 номгӯйро меомӯхтанд , солҳои охир бошад ин чиз ҳам аз байн рафтааст. Дар хоҷагиҳо ҳатто одитарин вояи хӯрока тартиб дода намешавад. Лабораторияҳои «Агрохимияви»-и ноҳияҳо, вилоятҳо ва ҷумҳуриявиро омодаи кор кардан лозим аст. Онҳо низ фаъолияти дуруст надоранд.

### 5. Истифода бурдани буққаҳои истеҳсолӣ

Дар деҳот мафҳуми хостагирӣ ва интихобкуниро намефаҳманд. Ҳангоми истифода бурдани буққаҳо ин мафҳумҳоро истифода бурда наметавонанд. Модаговеро, ки 8-10 кг шир медиҳад дар пода буққае

бордор менамояд, ки модараш 2-3 кг шир медиҳад. Ин сабаб мешавад, ки насли ба даст омада нисбати модараш каммаҳсултар мегардад. Дар деҳот ҳатто ба бордоршавии хешони наздик «падар-духтар», «бародар - хоҳар» , «писар- модар» роҳ дода мешавад.

Ҳангоми истифода ва интихоби буққаҳо пеш аз ҳама вазни зинда, синну сол, дараҷаи маҳсулнокӣ, равиши маҳсулнокӣ ва мақсади истифодабарӣ бояд муайян карда шавад.Буққаҳои истифодашуда бояд аз хоҷагиҳои пешқадам интихоб карда шаванд.

Беҳтар кардани сифати зотии чорво аз бисёр ҷиҳатҳо аз буққа вобастагӣ дорад. Дар халқ бекора намегӯянд, ки буққаи нағз нисфи пода. Агар буққа дуруст интихоб карда шавад, вай метавонад зина ба зина маҳсулнокиро баланд бардорад.

Аз ин пас дар подаҳо умуман аз истифодаи буққаҳои махаллӣ бояд даст кашид. Ба усулҳои ахтакунӣ ва ё алоҳида чаронидани онҳо бояд шурӯъ намоем.

Дар тамоми давлатҳои ҷаҳон, ки аз буққаҳои зоти голштинӣ истифода мебаранд муайян кардаанд, ки маҳсулнокии модаговҳо аз дараҷаи хуннокиашон вабастагӣ доранд. Дар шароити мо низ ҳангоми татқиқотҳо муайян карда шудааст, ки бо зиёд шудани хуннокӣ то як дараҷаи муайян маҳсулнокии ширӣ зиёд мегардад ва дар ҳолати аз он бештар гардидан баръакс, маҳсулнокӣ рӯ ба пастшавӣ меорад. Аз рӯи татқиқотҳои гузаронидаи мо дар хоҷагиҳои таҷрибавӣ то хуннокии 3/4 (75%- хуни падарӣ), дар хоҷагиҳои миёнамаҳсул-хуннокии 5/8 (62%) ва дар хоҷагиҳои каммаҳсул (на кам аз 3000 кг)-хуннокии 1/2 (50%) тавсия карда шудааст. Барои исботи ин гуфтаҳо маҳсулнокии ширии хоҷагиҳои зотпарвариро вобаста ба хуннокиашон аз ҷадвалҳои 1,2 мушоҳида кардан мумкин аст.

**Маҳсулнокии ширии модаговҳои типи тоҷикӣ дар хоҷагии ба номи А.Саматов (маҳсулнокиашон баланд)**

| Дараҷаи хуннокӣ | n | 1-ум давраи ширдӯшӣ | 3-юм давраи ширдӯшӣ |
|---|---|---|---|

| | | шир, кг | равған, % | | шир, кг | равған, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Сиёҳало | 20 | 3977+68,7 | 3,81+0,01 | 13 | 4914+141,0 | 3,79+0,02 |
| Голштинӣ: | | | | | | |
| 1/8 | 30 | 3518+93,5 | 3,72+0,02 | 14 | 3758+120,0 | 3,74+0,01 |
| 1/4 | 38 | 3797+104,2 | 3,72+0,02 | 18 | 3949+131,1 | 3,75+0,03 |
| 3/8 | 43 | 4307+75,0 | 3,78+0,02 | 31 | 4845+87,7 | 3,77+0,01 |
| 1/2 | 79 | 4243+69,3 | 3,77+0,01 | 47 | 5660+93,5 | 3,81+0,02 |
| 5/8 | 31 | 4478+81,0 | 3,83+0,03 | 18 | 5464+85,7 | 3,78+0,03 |
| 3/4 | 27 | 4565+141,0 | 3,81+0,01 | 24 | 5676+90,0 | 3,81+0,02 |
| 3/4 «худ ба худ» | 31 | 4675+123,2 | 3,82+0,01 | 20 | 5784+73,5 | 3,81+0,02 |
| 7/8 | 20 | 4250+73,5 | 3,83+0,02 | 14 | 5235+80,0 | 3,79+0,01 |

**Маҳсулнокии ширии модаговҳои типи тоҷикӣ дар хоҷагии ба номи Ҷ.Расулов (маҳсулнокиаш миёна)**

| Дараҷаи хуннокӣ | n | 1-ум даврai ширдӯшӣ | | 3-юм даврai ширдӯшӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | шир, кг | равған, % | | шир, кг | равған, % |
| Сиёҳало | 70 | 2845+80,7 | 3,80+0,02 | 47 | 3414+211,0 | 3,81+0,02 |
| Голштинӣ: | | | | | | |
| 1/8 | 60 | 3260+89,0 | 3,76+0,01 | 30 | 3531+111,0 | 3,78+0,03 |
| 1/4 | 43 | 3318+131,8 | 3,77+0,01 | 25 | 3840+219,0 | 3,79+0,01 |
| 3/8 | 23 | 3,63+63,0 | 3,78+0,02 | 20 | 3730+83,0 | 3,78+0,02 |
| 1/2 | 39 | 3294+161,0 | 3,75+0,03 | 18 | 3819+95,4 | 3,80+0,03 |
| 5/8 | 21 | 3566+1490 | 3,749+0,05 | 16 | 3979+120,3 | 3,80+0,02 |
| 3/4 | 18 | 3285+92,0 | 3,80+0,02 | 28 | 3713+78,7 | 3,81+0,03 |
| 3/4 «худ ба худ» | 24 | 3314+79,3 | 3,81+0,03 | 19 | 3835+110,1 | 3,79+0,03 |
| 7/8 | 19 | 3240+86,7 | 3,82+0,03 | 14 | 3720+187,2 | 3,81+0,02 |

Худ қазовот фармоед. Нозукии корҳои селексионӣ худ дар ҳамин аст. Инро танҳо мутахассис метавонанд дарк намояд. Дар хоҷагии аввал дар ширдӯшии якум модаговҳое, ки хуннокии 3/4 «худ ба худ» доранд нисбати тамоми хуннокиҳои дигар ва инро агар бо рақам ифода намоем нисбати хуннокии 1/8-1157кг, 1/4- 878, 3/8-368, 1/2-432, 5/8-197, 3/4- 110кг ва дар давраи сеюми ширдӯши мутаносибан: 2026; 1835; 939;124; 320; 108 кг зиёд шир додаанд.

Дар хоҷагии дуюм, ки маҳсулнокиаш миёна аст, баландравии маҳсулнокӣ то хуннокии 5/8 мушоҳида карда мешавад пас аз он маҳсулнокӣ рӯ ба пастшави меорад.

Он чизе, ки имрӯзҳо муаллифони типи говҳои тоҷикии зоти сиёҳ-алоро сахт ба ташвиш овардааст, ин бемасъулиятӣ ва ба саҳланкори роҳ додани он муассисаҳое, ки ба овардану тақсим намудани нутфаи буққаҳои зоти голштинӣ машғуланд. Ҳатто баъзан мушоҳидаҳо ба чашм мерасад,ки баъзан рафиқон ба сафари хизмати ба давлатҳои Исроил, Русия ва Эрон меравaнд ва аз он тараф бо худ нутфаи буққаҳоро ба ҷумҳури ворид месозанд ва бо нархи даҳ баробар қиммат ба хоҷагиҳо онро мефурӯшанд. Мо намефаҳмем барои чи бо чунин дастоварди бузурги селексионӣ, ки барои офаридани он олимон 40- 50 солаҳо машаққат кашидаанд чунин корҳоро раво мебинанд.

Баъзан мутахассисони ба ном фидоии миллат, ки худ аз селексия, корҳои зотпарварӣ, интихобкунӣ ва хостагирӣ фарсаххо дуранд имрӯзҳо ба ин корҳо машғуланд. Фикр мекунанд, ки имрӯз аз Исроил нутфаи буққаҳоро ба ҷумҳури ворид созанд пагоҳ модагови тоҷикистон 10-12 ҳазор килограмм шир медода бошад. Агар дар ҳақиқат ҳамин хел мешуд дар тамоми дарёҳои Тоҷикистон шир ҷори мегардид. Лек сад афсӯс, ки нозукиҳои корҳои селексионӣ дигаранд. Татқиқотҳо исбот кардаанд, ки хоҷагиҳои зотпарварии ҷумҳури ба ҳисоби миёна аз 1 сар модагов то 3200-3500 кг шир медӯшанд. Барои ин ба аз хориҷи кишвар ворид сохтани нутфаи буққаҳои истеҳсолӣ ягон эҳтиёҷ нест. Талаботи хоҷагиҳои зотпарварии ҷумҳуриро буққаҳое, ки маҳсулнокии модаронашон 5-7 ҳазор кг шир аст ба пуррагӣ қонеъ мегардонанд. Чунин буққаҳоро мо метавонем дар худи ҷумҳури тайёр намоем. Дар подаи хоҷагиҳои ба номи А.Ҷумъаев, ба номи Р.Набиеви ноҳияи Б. Ғафуров, ба номи Л.Муродови ноҳияи Ҳисор,ба номи Э.Бойматовaи ноҳияи Конибодом ва «Навгилем»-и ноҳияи Исфара модаговҳое ҳастанд, ки то 8 ҳазор кг шир додаанд. Чаро мо аз буққаҳои ин модаговҳо самаранок истифода набарем. Ки имрӯз кафолат дода метаванад, ки баробари аз хориҷ ворид сохтани нутфа ба ҷумҳурӣ мо ҳар гуна касалиҳоро паҳн карда наметавонем. Кадом хоҷагидор чизи хубашро ба савдо мезанад, мумкин ин нутфаҳо дар ватанашон барои истифода

номувофиқ бошанд. Баъзан мешавад, ки ташкилотҳои хориҷии муқими Тоҷикистон буда баъзан ба таври хайрия ба хоҷагиҳо онҳоро тақсим мекунанд. Мо ҳатто шоҳиди он будем, ки он буққаҳо на авлоди муайян доштанду на хуннокии аниқ ва на ҷойи баромаданашон муайян буд. Нофаҳмида истифода бурдани чунин буққаҳо теша задан ба решаи ниҳолаки нав сабзида истода (типи говҳои тоҷикӣ) нест магар?

Аз берун ворид намудани буққаҳо ба ҷумҳурӣ албатта ба манфиати шахсони алоҳида мебошад. 70 соли ҳукумати Шӯравӣ мо ба ҷумҳури ворид намудем, кани натиҷааш?

Мегӯянд, ки ҳар як намуди чорво дар ватани худаш қадру қиммат дорад, вақто, ки аз як минтақа ба минтақаи дигар меорем вай тамоми хусусиятҳои беҳтаринашро аз даст медиҳад. Дар ҷойи нав вай аз сари нав ба одаткуни сар мекунад. Ана ҳамин сабаб мешавад, ки мо аз чорвои ба ҷумҳури воридкардаамон ягон маҳсулоти назаррас гирифта наметавонем. Дуввум он аст, ки мо асосан чорворо аз давлатҳои иқлимашон сард ворид менамудем, тобистони онҳо бошад мӯътадилу намнок, иқлими мо бошад гарму хушк. Соли 1985 Қаҳрамонони меҳнати Сотсиалистӣ Саматов А. ҳангоми сафарашон ба Исроил 100 дона нутфаи буққаҳои зоти голштиниро, ки модаронашон аз 10 ҳазор кг шир зиёд додааннд ба хоҷагии ба номи Ленини ҳамонвақта, ҳозир ба номи А. Саматов ворид намуданд. Дар тӯли ин солҳо аз давлатҳои Русия, Ҳоландия, Олмон, Фаронса, Канада, Америка, Эстония низ буққаҳои зоти голштинӣ дар ин хоҷагӣ истифода бурда шуда буданд.

Мо маҳсулнокии духтарони ин буққаҳоро мавриди омӯзиш қарор додем. Муайян карда шуд, ки духтарони буққаҳои исроилӣ аз ҳама маҳсулнокии паст додаанд. Сабаб дар чист?

1-ум . Дар Исроил оиди хӯронидан тамоми шароитҳо фароҳам оварда шудаанд. Дар таркиби ратсион то 40-50 номгӯи моддаҳо ва элементҳои химиявӣ мувофиқи меъёр дода мешавад. Бениҳоят базаи мустаҳками хӯрока даранд. Дар мо бошад ҳамагӣ 11-12 номгӯи хӯрокаҳо мувофиқи меъёр дода мешаванд.

2-юм. Селексия дар ҳамон вақт натиҷаи хуб медиҳад, ки агар фарқият байни маҳсулнокии модари буққа ва модагов 1,5-2,0 ҳазор кг бошад. Тамоми буққаҳое, ки аз давлати Исроил ба мо ворид шудаанд маҳсулнокии зиёда аз 10 ҳазор кг-ро доранд. Дар натиҷа таъсири селексия ноаён мегардад.

3-юм. Бештари буққаҳое, ки ба мо ворид мегарданд дар шароити чарогоҳию оғили нигоҳ дошта мешаванд. Чи қадар буққа серҳаракат ва сайру гашт намояд ҳамон қадар хуб аст. Дар мо бошад усули ҳамасола баста нигоҳдоштани буққаҳо истифода бурда мешавад.

Дар поён махсулнокии духтарони буққаҳоеро, ки дар хоҷагиҳои ҷумҳурӣ истифода шудаанд нишон медиҳем.

**Натиҷаи истифода бурдани буққаҳои зоти голштинӣ дар хоҷагии ба номи А. Саматов**

| Ватани баромади буққаҳо | Саршумор | | Маҳсулнокии духтарон | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | буққаҳо | духтарон-ашон | шир, кг | равған, % | равғани шир, кг |
| Олмон | 64 | 631 | 4101 | 3,75 | 157,5 |
| Русия | 97 | 747 | 3934 | 3,77 | 148,3 |
| Ҳоландия | 33 | 508 | 3693 | 3,92 | 154,2 |
| Америка | 75 | 915 | 4272 | 3,82 | 163,2 |
| Канада | 41 | 540 | 4100 | 3,85 | 157,8 |
| Эстония | 61 | 590 | 3795 | 3,80 | 145,0 |
| Исроил | 14 | 330 | 3789 | 3,72 | 140,9 |
| Фаронса | 22 | 415 | 3810 | 3,76 | 143,2 |
| Тоҷикистон | 117 | 1468 | 4204 | 3,83 | 161,0 |

Агар дар ҳолате, ки буққаҳое, ки дар шароити Тоҷикистон парвариш ёфтаанд нисбати буққаҳои олмонӣ – 103 кг, русиягӣ – 270 кг, ҳолландӣ – 511, канадагӣ – 104, эстонӣ -409, исроилӣ – 415 фаронсавӣ – 394 кг зиёд диҳанд чи хоҷат аст аз ин давлатҳо боз ворид сохтан.

Таҷрибаҳо исбот намуданд, ки танҳо буққаҳои америкои, ки дар штатҳои гарм аз қабили Калифорния, Амазонка ва Техасс парвариш ёфтаанд метавонанд бе ягон ба шароит мутобиқшавӣ маҳсулнокии баланд диҳанд. Агар имконияти аз ин штатҳо ворид карданро касе дошта бошад, бояд донад ки дар шароити мо буққаҳои сатҳи

маҳсулнокиашон баланд зарурият надоранд. Модарони букқаҳо бояд маҳсулнокии 6-8 ҳазор кг дошта хуннокии 3/4, 7/8 ва тоза дошта бошанд.

Чизе дигаре, ки муаллифонро дилмонада кардааст, ин набудани қонунҳои мавҷуда оиди чорводорӣ мебошад. Парлумони касбӣ фаъолият дорад, аммо қонунҳои зарурӣ дар соҳаи чорводорӣ хело каманд. Дар солҳои соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ як зоти асп, як зоти буз ва як типи гов ба ҷаҳониён пешкаш карда шуд, аммо аз сабаби набудани қонун оиди дастовардҳои селексионӣ дар чорводорӣ қариб 10 сол мешавад, ки муаллифон бе патент ва шаҳодатномаи муаллифӣ фаъолият мекунанд. Ин худ дилсардии олим ва аз эътибор дур мондани у нест магар?

Аз як намуди хоҷагидорӣ (калхозу, савхоз) ба намуди дигар (фермерӣ, деҳқонӣ) гузаштани соҳаи чорводорӣ худ талаби замон аст ва боиси дастгирист. Соҳибистиқлолиро қариб 24 сол мешавад, аммо дар соҳаи чорводори ягон дигаргуни ҳис карда намешавад. Мардумро бояд ба ин тайёр намоем, омӯзонем. Дар ҳар ноҳия ақалан як ду хоҷагии хурди намунавӣ дар соҳаҳои говпарварӣ, гӯсфандпарварӣ, паррандапарварӣ бо кӯмаку дастгирии Вазорати хоҷагии қишлоқ, Ҳукумати Ҷумҳурӣ ва ташкилотҳои ғайридавлати (бо саршумори аз 20 то 50 сар ҳайвони калони шохдор ва аз 500 то 2000 парранда) сохта ба истифода додан лозим аст. Бо ҳамин роҳ мардум аз онҳо меомӯзанд. Бо кадом роҳе набошад хоҷагиҳои зотпарвариро дар дататсия давлати нигоҳ доштан лозим аст, вагарна чорвои зотӣ рафта рафта нест мешавад. Дар тамоми хоҷагиҳои фермерӣ, шахсӣ, деҳқонӣ бояд ба бордоркунии сунъӣ гузаранд. Дар марказҳои деҳаҳои калон пунктҳои бордоркунии сунъӣ бунёд карда шавад, чунки сабаби асосии паст рафтани маҳсулнокӣ ва
майда шудани чорво дар деҳот ин ба ҷуфтикунии хешони наздик роҳ додан аст.

### 6. Парвариши бомақсади гӯсолаҳо

Ба парвариши гӯсолаҳо бояд диққати ҷиддӣ дод. То 6 моҳагӣ давраи ширхӯрии гӯсола ба ҳисоб меравад. Дар давраи ширхӯрӣ ба гӯсола 300-

350 кг шир хӯронидан лозим аст. Дар деҳот ба ин чизҳо эътибор намедиҳанд,ба гӯсола як хӯроки дурушт медиҳанду халос. Ҳатто гӯсола давраи фаллагиро, ки 7-10 рӯз бояд давом кунад, пурра намехӯрад. Фалла дар организми гӯсола хусусиятҳои пайдо кардани имунитетро дорад. Вобаста ба вазни зиндааш ба гӯсола дар як рӯз то 4-6 кг шир хӯронидан зарур аст. Модагове, ки имрӯз дар деҳот қарор дорад ба зӯр 4-6 кг шир медиҳад ва онро соҳиби модагов дӯшида худаш бо аҳли оилааш истеъмол менамояд. Пас саволе ба миён меояд «Гӯсола чиро бояд хӯрад?». Ҳамин сабаб мешавад,ки гӯсола аз афзоиш мемонад, баъдтар афзоишёбии вай душвортар мегардад. Парвариши гӯсола бояд аз батни модар оғоз ёбад. Ҳар чи қадар ба модагов хӯрокаҳои серғизо ва хушсифат хӯронем, ҳамон қадар гӯсолаи солиму бардам таввалуд меёбад.

Ба он кӯшидан лозим аст,ки ҳар шабонарӯз гӯсола аз 1 моҳагӣ то 3 моҳагӣ -750 г, аз 3 то 6 моҳагӣ -650г, аз 6 то 12 моҳагӣ – 600г ва аз 12 то 18 моҳагӣ -500-550 г вазн гиранд. Дар ҳолати чунин гирифтани вазн мо метавонем вазни зиндаро дар 18 моҳагӣ ба 350 кг расонем ва гӯсоларо бордор намоем.

Аммо дар деҳот ҳардуи ин нишондод ба инобат гирифта намешавад. Гӯсола дар 3-4 солагӣ бо вазни ниҳоят хурд бордор карда мешавад. Ин ба он оварда мерасонад,ки хоҷагӣ зараровар мегардад.

Фикр мекунам,ки дар ҳолати огаҳи доштани аҳолӣ аз ҳамаи он чизе,ки дар ин ҷо пешниҳод карда шуд ва иҷро шудани он , сифати зотии чорворо дар деҳот хуб гардонида маҳсулотнокиро рӯ ба беҳбуди меорад.

## 7. Хостагирӣ ва интихобкунӣ

Хостагирӣ ва интихобкунӣ яке аз рукнҳои асосии ба танзим даровардани соҳаи чорводорӣ ба ҳисоб меравад. Хоҷагиҳои фермерӣ ва шахсӣ ин чизро нодида мегиранд , хол он,ки асоси солим гардонии чорводорӣ,баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва гирифтани насли солим аз хостагирӣ ва интихобкунӣ вобастагии зич дорад. Баъзан ҳолатҳое мешавад,ки ба манфиати хостагирӣ ва интихобкунӣ дуруст сарфаҳм намераванд.

Ҳар сол ҳайвонотро баҳо медиҳанд.Баҳодихӣ асосан аз рӯи шкалаи 100 балла гузаронида мешавад. Дар ҳолати аз 80 балл зиёд гирифтан ба чорво дарачаи элита-рекорд , аз 70 зиёд – элита, аз 60 балл зиёд – дарачаи 1, аз 50 зиёд дарачаи 11дода мешавад ва аз 50 балл поён дарача дода намешавад ва чунин чорворо аз пода одатан хорич мекунанд. Одатан ҳайвонот балли пастро аз ҳисоби каммаҳсулӣ, ба талаботҳои технологӣ чавоб нагуфтан, пирӣ, экстерер ва конститутсияи хуб надоштан, намудор набудани хусусиятҳои зот мегиранд.

Бо мақсади хушзот намудани насли чорво одатан он модаговҳоеро хоста мегиранд,ки экстерер ва конститутсияи хуб,авлоди сермаҳсул, шакли синаи ба талабот чавобгӯй, намуди ба зот хос ва аломатҳои ба технологияи ҳозирзамон чавобгӯй дошта бошад. Дар навбати худ ба ҳар як модагови хоста гирифта буққа интихоб мекунанд. Буққаҳоро ҳамон тарзе интихоб менамоянд,ки маҳсулнокии модари буққа нисбати маҳсулнокии модагов 1000-1500 кг зиёд бошад. Ин маънои онро дорад, ки ба модагове,ки 3000 кг шир медиҳад,буққаеро интихоб менамоянд,ки модараш 4000-4500 кг шир дода бошад. Дар ҳамон сурат таъсирнокии селексия пайдо гардида маҳсулнокии насли онҳо то ба 3500 кг зиёд мегардад. Дар аксари манотиқи чумҳурӣ модаговҳоро ба пода мефиристанд. Ба чигуна будани буққаҳо эътибор намедиҳанд. Дар пода қариб аксарият ба ҳамдигар хешу таборанд. Ин сабаб мешавад, ки маҳсулнокӣ паст гардида , насли носолим ба дунё меояд. Насли ба даст омада дер ба воя мерасад ва дар аксар ҳолат боя гон камбуди ба дунё меоянд.

## 8.Такрористеҳсолкунӣ

Хочагиҳои фермерӣ ва деҳқонӣ, ки ба чорводори машғуланд, бояд фоидаро аз зарар фарқ карда тавонанд. Ҳамаи он омилҳоеро,ки боиси аз чиҳати иқтисоди зараровар шудани чорво мегарданд муайян намоянд. Такрористеҳсолкунӣ ,ки яке аз роҳҳои зиёд намудани саршумор аст, дар деҳот ба он кам аҳмият медиҳанд. Модагов дар 2-3 сол як гӯсола диҳад ҳам бо чунин модагов муросокорӣ менамоянд. Ҳол он ки модагов бояд

ҳар сол як гӯсолаи солим ба дунё орад. Яке аз омилҳои асосие,ки ба такрористеҳсолкунӣ таъсир мерасонад,ин давраи сервисӣ мебошад.Дар ҳолати идора карда тавонистани давраи сервисӣ чорводор метавонад аз модагов ҳар сол як гӯсола гирад. Олимон муайян намудаанд,ки агар давраи сервис то 80 рӯз давом кунад , дар он ҳолат модагов 305 рӯз дӯшида шуда, ҳар сол 1-то гӯсола гирифта мешавад.Дар ҳолате,ки давраи сервисӣ аз 80 рӯз зиёд мешавад, модагов ҳамон сол қасир мемонад. Ин маънои онро дорад,ки дар 3 сол аз модагов 2 гӯсола мегиранд. Дар ҳолати кӯтоҳ шудани ин давра рӯзҳои ширдӯши кам гардида , дар натиҷа модагов мехӯраду шир намедиҳад. Чунин амал ба хоҷагӣ зарар меорад.

Давраи сервисӣ –(аз таваллуд то бордоршавӣ) барои мардуми чорводор бояд як омили асосии ба танзим даровардани такрористеҳсолкунӣ гардад. Бо кӯтоҳ кардани ин давра дар соҳаи чорвои гӯштӣ мо метавонем дар 2 сол 3 гӯсола гирем. Дар соҳаи ширӣ бошад ин давра бояд 60-80 рӯзро ташкил диҳад.

Давраи дамгирӣ низ ба маҳсулнокӣ таъсир мерасонад. Бо зиёд шудани давраи дамгирӣ рӯзҳои ширдӯшӣ кам мешавад. Давраи байни ду зоиш 365 рӯзро бояд ташкил диҳад.

## 9.Бордоркунии сунъӣ

СОЛҲОИ ПЕШИН ҚАРИБ 90 %-И ЧОРВОИ КАЛОНИ ШОХдор сунъӣ бордор карда мещуд. Солҳои охир бошад ин каме коҳиш ёфт. Мо бояд дар тамоми шаклҳои хоҷагидорӣ бордоркунии сунъиро аз нав ба роҳ монем. Чунки ягона бо ҳамин роҳ мо метавонем дар як муддати кӯтоҳ чорворо хушзот намоем, маҳсулнокиро аз як сар модагов баланд бардошта хароҷоти нигоҳ доштани буққаҳоро кам гардонем. Аз бордоркунии сунъӣ нисбати бордоркунии дасти ва ё озод нисбатан гӯсолаҳои калон ва солим ба даст меорем, ки ин низ ба манфиати кор аст.

Дар ҳолати як маротиба паридан аз буққа то 3см$^3$ нутфа гирифта мешавад, ки бо он то 20-25 модаговро бордор кардан мумкин аст. Дар

ҳолати илова намудани моеъҳои иловагӣ (разбавитель) то 1500-1800 модаговро бордор намудан имконпазир аст.

Нуқтаи бордоркунии сунъиро ба қадри имкон ба биноҳое,ки онҷо модаговҳо парвариш меёбанд ва ба роҳи подарав наздиктар аст, сохтан мумкин аст, чунки ин имкон медиҳад вақти ба нуқтаи бордоркунӣ овардани модаговҳо кӯтоҳ карда шавад.

Нуқтаи бордоркунии сунъӣ бояд саҳн,озмоишгоҳ, дастгоҳи шустушӯи, мадон,бино барои нигоҳ доштани модаговҳо то бордоркунӣ ва баъди он ва аз биноҳои маишӣ иборат бошад.

Дар саҳне, ки масоҳаташт на камтар аз 16 $м^2$ аст,барои нағз равшан шуданаш дар вақти бордоркунӣ ва дигар корҳо аз тарафи қафо тирезаи андозааш на камтар аз 1$м^2$ (1 м аз замин баланд) ва чароғи барқӣ бояд бошад. Дар девори муқобили саҳн тиреза ва ё равзан набояд бошад. Деворҳои атрофи биноро 1,5 м аз замин бо рангҳои равғанин равшан ранг мекунанд ва ё бо сангҳои сирдор, рангашон сафед, сабзу зангор рӯкаш мекунанд. Дар ҷойҳои бордоркунӣ рангҳои сиёҳу сурхро кор фармудан лозим нест. Фарш бояд сахт ба 1-$2^0$ моили дошта рӯфтану шустанаш осон бошад. Ҳатман будани оби гарму хунук шарт аст.

Озмоишгоҳро дар хонаи гарму (18-$23^0$C) равшан ва масоҳаташ на камтар аз 6 $м^2$ ҷой медиҳанд. Вай бояд ба талаботе, ки барои нигоҳ доштани нутфа, назорати сифати он, ҷобаҷогузорӣ ва нигоҳдории асбобу анҷомҳои бордоркунӣ ва дигар зарфу мавод мувофиқ бошад. Дар озмоишгоҳ бояд барои безарар гардонидани асбобҳо ва зарфҳо шкафи хушкунӣ ва инчунин яхдон буданаш шарт аст.

Хоначаи шустушӯиро, ки масоҳаташ 6 $м^2$ аст ва роҳаш ба саҳни ҳавлӣ мебарояд, одатан дар қабати озмоишгоҳ месозанд. Хоначаи шустушӯи бояд барои шустан ва покиза кардани асбобу анҷом, зарфҳо инчунин шустани хилъат ва сачоқ му бошад.